**Тақризи**

**роҳбари илмӣ Расулиён Қ.Р. ба рисолаи унвонҷӯ Садриддини Айниддин дар мавзӯи "Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи тахассуси 07.00.02- Таърихи ватанӣ**

Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ Исҳоқи Тӯсӣ (1017-14.10.1092) дар таърихи асримиёнагии халқи тоҷик ба ҳайси яке аз шинохтатарин чеҳраҳои сиёсию фарҳангӣ эътироф гашта,ки ин арҷгузорӣ ба поси хотири хидматҳои бузурги ин абармарди ориёӣ мебошад. Вай,ки ба сифати яке аз сиёсатмадорони бузурги замони худ эътироф шудааст, китоби "Сиёсатнома" – аш дастури ҳамешагии сиёсатмадорони баъдӣ ва низомияҳои таъсиснамудааш намунае буданд барои таъсиси нахустин донишгоҳҳо на танҳо дар ҷаҳони ислом, балки дар олами Ғарб. Аз ин лиҳоз омӯзиш ва таҳқиқу барасии ҳаёту фаълияти гуногунҷабҳаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ хеле муҳим ва мубрам мебошад.

Аз ин лиҳоз даст задани унвонҷӯ Садриддини Айниддин ба омӯзиш ва таҳқиқу барасии ҳаёту фаъолияти ин абармарди таърих боиси дастгирист. Бояд гуфт,ки ҳангоми таълифи рисола унвонҷӯ асосан ба се рукни мавзӯи интихобнамудааш диққати ҷиддӣ додааст,ки инҳо роҳи тайнамудаи пурпечу тоб ва басо пуршарафу ибратомӯзи Хоҷаи Тӯс, мавриди таҳлилу барасӣ қарор додани шоҳасари "Сиёсатнома", ки барои ҳама давру замон китоби рӯизаминӣ маҳсуб меёбад ва таъсиси нахустин донишгоҳҳои давлатӣ дар ҷаҳон бо номи "Низомия"-ҳо мебошад.

Сарчашмаҳои аслии омӯзиши мавзӯъ пеш аз ҳама асари гаронбаҳои худи Хоҷа Низомулмулк, сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва ҳамчунин таҳқиқоти донишмандони Эрон, Тоҷикистон ва дигар кишварҳо мебошанд. Унвонҷӯ бо истифода аз ин манобеи муҳим тавонистааст, чеҳраи воқеии Хоҷа Низомулмулки Тӯсиро ба ҳайси як тан аз сиёсатмадор ва риҷоли фарҳангии сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд.

Садриддини Айниддин рисолаи хешро дар ду боб ва шаш зербоб таҳия намуда, хостааст чунин корҳоро ба анҷом расонад: нишон додани саҳми Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар сиёсати дохилию байналмилалии империяи Салҷуқиён; мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани китоби "Сиёсатнома"; нишон додани саҳми Хоҷа Низомулмулк дар таъсиси нахустин донишгоҳҳо дар ҷаҳон; саҳми "Низомия"-ҳо дар тарбияи мутахассисони нахустин донишгоҳҳо дар Аврупо ва ғайра.

Бо қаноатмандӣ метавон гуфт,ки унвонҷӯ Садриддини Айниддин аз уҳдаи анҷоми ин вазифаи дар назди худ гузошта бо сарбаландӣ баромада ва рисолае таълиф намуда хонданӣ ва омӯзанда. Дар саросари рисола аз хидматҳои Хоҷа Низомулмулк таъкид гардида ва бо арқому омори дақиқ нишон дода шуданд, ки бархе аз онҳо чунинанд:

а). Низомулмулк дар давраи сарвазириаш дар дарбори туркҳои салҷуқии Алптегин ва Маликшоҳ асосан сиёсати дохилӣ ва хориҷии Салҷуқиёнро муайян менамуд.

б). Дар аҳди сарвазирии Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ давлати таъсиснамудаи туркҳои салҷуқӣ,ки аз ҳокимони алоҳида иборат буд, ба як империяи ягона табдил ёфта, Эронзамин ба як сарзамини воқид мубаддал гашта, халқи муқимии он, яъне тоҷикон аз тохтутоз ва ғоратгариҳои туркҳои саҳронишин раҳоӣ ёфтанд.

в). Китоби “Сиёсатнома” –и Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар сиёсати давлатдорӣ аз нахустин асарҳо буда, сарчашмаи асосии омӯзиши сохтори сиёсии давлатҳои шарқи мусулмонӣ маҳсуб меёбад.

г). Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар густариши илму фарҳанги замони худ саҳми болиғ гузоштааст,ки бузургтарини ин хидматҳо таъсиси “Низомия”-ҳо дар шаҳрҳои гуногуни қаламрави Салҷуқиён аст.

д). “Низомия”-ҳои таъсиснамудаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар сар задани наҳзати мадрасасозӣ натанҳо дар қаламрави империяи Салҷуқиён, балки дар саросари ҷаҳони ислом гардида, баъдан намуна барои таъсиси нахустин донишгоҳҳо дар Аврупо шуд.

Таъкиди ин нуқта ҷоиз аст,ки унвонҷӯ Садриддини Айниддин пас аз оамӯзиш ва мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани осори Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва осори таҳқиқотии муҳаққиқони кишварҳои гуногун ба роҳи тайнамудаи Хоҷаи Тӯс ва хидматҳои арзандаи ӯ дар таъриху фарҳанги халқи тоҷик огоҳии комил пайдо намуда ва дар таърихнигории ватанӣ бори аввал назари худро, ки дар баъзе маврид аз хулосаҳои бархе аз муаллифони пешгузашта тофовут дорад, баён намуда аст. Ва навгонии рисолаи илмии унвонҷӯ иборат аз он аст,ки Садриддини Айниддин бори аввал дар илми таърихи ватанӣ зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсиро ба таври муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. “Сиёсатнома”-ро ба таври дақиқу амиқ таҳқиқу таҳлил намудааст. Чеҳраи воқеии Хоҷаи Тӯсро ҳамчунин сиёсатмадор, олим ва ходими бузурги фарҳангӣ муаррифӣ намудааст. Ва билохира саҳми донишгоҳҳои таъсиснамудаи ӯро, ки дар

ҳаёти илмию фарҳангии на танҳо империяи Салҷуқиён, балки берун аз он таъсири бузург гузоштаанд, нишон додааст.

Хуллас рисолаи диссертатсионии Садриддини Айниддин дар мавзӯи “Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён” кори илмии анҷомёфта доир ба мавзӯи муҳими илмӣ буда, ба тамоми талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори сарфароз намудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои**
**таърих, профессори кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон** **Расулиён Қ.**

**Имзои Қ. Расулиёиро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**